*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — 20 феврали соли 2024 — № 4-5 (194-195)

**Бо эътимоди комил иброз медорам, ки афсарону сарбозони шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ бо савганди ҳарбии хеш минбаъд низ содиқ мемонанд, рисолати фарзандии худро дар назди Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҷавонмардона иҷро мекунанд ва ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, амният ва суботу оромии ҷомеаро бо ҳушёриву зиракӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ таъмин мекунанд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ХИЗМАТ БА ВАТАН ҚАРЗИ ҲАР ЯК ҶАВОНМАРД АСТ

## Таманниёти ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ба ифтихори 31-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Баъди чанд рӯз аз таъсисёбии Артиши миллии кишвари соҳибистиқлоламон, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории навини тоҷикон маҳсуб меёбад, сиву як сол сипарӣ мегардад.

Ба ин муносибат ҳамаи шуморо аз номи раёсати донишгоҳ самимона табрику муборакбод гуфта, орзуманди онам, ки минбаъд низ ҳар яки шумо бо кору пайкор, кӯшишу ғайрат ва меҳнати софдилонаатон дар пешрафти ҷомеа, таҳкими сулҳу субот, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва ободию шукуфоии Ватани маҳбубамон саҳми бештар гузошта, ба ин васила обрӯю нуфузи кишвари биҳиштосоямонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баландтар мегардонед.

Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлол ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини он ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ вазифаҳои муқаддасу пуршараф – ҳимояи соҳибихтиёрии давлат, таъмин намудани сулҳу субот, ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа ба дӯши онҳо гузошта шуданд.

Тавре ки Президенти маҳбуби кишвар, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон иброз доштанд: “Хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар давраҳои бисёр ҳассоси таърихи давлат ва халқи тоҷик аз уҳдаи иҷрои рисолати таърихии худ ҷавонмардонаву сарбаландона баромаданд ва ба эътимоду эҳтироми мардуми Тоҷикистон сазовор гардиданд”

Чи хеле ки маълум аст, зарурати ташкили Артиши миллӣ ҳанӯз 9-уми сентябри соли 1991 дар Қарори Шурои Олии кишвар “Дар бораи Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъкид гардида буд. Вале вазъи ниҳоят ҳассосу душвор, мушкилиҳои солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ имкон намедоданд, ки Тоҷикистон Артиши миллии худро таъсис диҳад.

Масъалаи ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҷараёни баргузории Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олӣ ба миён гузошта шуд ва 18-уми декабри соли 1992 фармони Раёсати Шурои Олӣ дар бораи таъсис додани Артиши миллӣ ба имзо расид.

Дар навбати аввал, 23-юми июни соли 1993 Қӯшунҳои хушкигард, ки асоси Қувваҳои Мусаллаҳро ташкил медиҳанд ва неруи сершумортарину пешбарандаи амалиёти ҷангӣ ба ҳисоб мераванд, таъсис дода шуданд ва аз рӯзҳои аввал барои мубориза бар зидди гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ба эътидол овардани вазъи ҳарбию сиёсии мамлакат сафарбар гардиданд.

Дар марҳалаҳои минбаъда дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал, ҷузъу томҳои таъиноти махсус, муассисаҳои таҳсилоти низомӣ ва қисмҳои ҳарбӣ оид ба таъминоти ҷузъу томҳо таъсис дода шуданд.

Бо дарназардошти он ки тарбияву ҷобаҷогузории кадрҳои соҳибихтисоси дорои маҳорати баланди касбӣ шарти асосии тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар мебошад, Ҳукумати мамлакат ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, муассисаи таълимии Коллеҷи ҳарбиро таъсис дод, ки имрӯз ҳамчун Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа фаъолият карда истодааст.

Дар маҷмуъ, дар замони соҳибистиқлолӣ барои бо кадрҳои баландихтисос таъмин нумудани Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар дохил ва хориҷи мамлакат беш аз 28 ҳазор мутахассис тайёр карда шуд. Бо ифтихор метавон гуфт, ки имрӯз зиёда аз 80 фоизи афсарони Қувваҳои Мусаллаҳро афсарони касбӣ ташкил медиҳанд.

Хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандии ҳар як ҷавон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ҳар як ҷавонмард бояд қарзи худро дар назди Ватан, давлат ва халқи Тоҷикистон иҷро намояд.

Боиси хурсандист, ки донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ин ҷиҳатро ба хубӣ дарк намуда, баъди хатми донишгоҳ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат шомил мегарданд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо дар даъватҳои баҳорӣ ва тирамоҳии чанд соли охир, ихтиёран ба хизмати Ватан-Модар рафтани онҳост.

Бори дагар Шумо омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни азизро бо 31-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон му-




# ДАСТОВАРДИ НАЗАРРАС ДАР ОҒОЗИ СОЛИ 2024

**Бо қарори Шурои аккредитатсионии Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги Ҷумҳурии Қазоқистон аз 26-уми январи соли 2024, №81 боз ду барномаи таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон: 1-49 01 01 02 – “технологияи маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ ва ғизои бо роҳи махсус хушконидашуда”, 1-49 01 01 03 – “технологияи консервкунонӣ” ба муҳлати 5 сол соҳиби Шаҳодатномаи байналмилалии аккредитатсияи барномавӣ гардиданд.**


«АККРЕДИТТЕУ ЖӘНЕ РЕЙТИНГТІҢ ТӘУЕЛСІЗ АГЕНТТІГІ» КЕМ
НУ «НЕЗАВИСИМОЕ АГЕНТСТВО АККРЕДИТАЦИИ И РЕЙТИНГА»
INDEPENDENT AGENCY FOR ACCREDITATION AND RATING

СВИДЕТЕЛЬСТВО
МЕЖДУНАРОДНОЙ ПРОГРАММНОЙ АККРЕДИТАЦИИ
Подтверждает, что
образовательная программа
1-49 01 01 03 Технология консервирования
(Уровень: Бакалавриат)
ГОСУДАРСТВЕННОГО ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ «ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА»
аккредитована сроком на 5 лет
(Протокол Аккредитационного Совета НААР № 81 от 26.01.2024 г.)
НН: № 510024840
Лицензия: № 0002786 от 07.05.2019 года
Срок действия свидетельства: 26.01.2024 г. - 25.01.2029 г.
Дата выдачи: 26.01.2024 г.
Регистрационный номер: АВ 5017

CERTIFICATE
OF THE INTERNATIONAL PROGRAM ACCREDITATION
This is to certify that
the program
1-49 01 01 03 Canning technology
(Level: Bachelor)
of
STATE EDUCATIONAL INSTITUTION «TECHNOLOGICAL UNIVERSITY OF TAJIKISTAN»
has been accredited for 5 years
(Minutes of the Accreditation Council of the IAAR No. 81 from 26/01/2024)
TN: № 510024840
License: № 0002786, 07.05.2019
Certificate validity period: 26.01.2024 - 25.01.2029
Date of issue: 26.01.2024
Registration №: AB 5017

Генеральный директор / General Director — А. Жумагулова / A. Zhumagulova
Registered on the European Quality Assurance Register in Higher Education (EQAR)
Member of the European Association for Quality Assurance in Higher Education (ENQA)

Ба ин муносибат санаи 15-уми феврали соли ҷорӣ дар донишгоҳ маросими супоридани сертификатҳо баргузор гардид. Мушовири IAAR, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Яновская Олга Алексеевна ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳро бо ин дастоварди илмӣ самимона табрику муборакбод гуфта, изҳори умед намуд, ки аҳли илму маърифати донишгоҳ мибаъд низ баҳри боз ҳам беҳтар намудани сифати таълим, омода кардани мутахассисони рақобатпазир ва баланд бардоштани обрӯю нуфузи донишгоҳ дар дохил ва хориҷи кишвар кӯшиш ба харҷ дода, дастовардҳои назаррасро соҳиб мегарданд.

с. 2

# ДАСТОВАРДИ НАЗАРРАС ДАР ОҒОЗИ СОЛИ 2024

(Аввалаш дар сах. 1)

Бояд гуфт, ки дастовардҳои донишгоҳ дар натиҷаи дастгирии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гранти молиявии созмони ҳамкориҳои байналмилалии Олмон муяссар гардиданд.

Маврид ба зикр аст, ки айни ҳол танҳо ба панҷ муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардидааст, ки соҳиби Шаҳодатномаи аккредитатсионии байналмилалӣ гардонд. Дар байни онҳо ДТТ ягона донишгоҳе мебошад, ки 5 барномаи таълимиаш ба мӯҳлати 5 сол аз аккре-



«АККРЕДИТТЕУ ЖӘНЕ РЕЙТИНГТІҢ ТӘУЕЛСІЗ АГЕНТТІГІ» КЕМ
НУ «НЕЗАВИСИМОЕ АГЕНТСТВО АККРЕДИТАЦИИ И РЕЙТИНГА»
INDEPENDENT AGENCY FOR ACCREDITATION AND RATING

СВИДЕТЕЛЬСТВО
МЕЖДУНАРОДНОЙ ПРОГРАММНОЙ АККРЕДИТАЦИИ
Подтверждает, что
образовательная программа
1-49 01 01 02 Технология хлебопекарного, макаронного, кондитерского производства и пищевых концентратов
(Уровень: Бакалавриат)
ГОСУДАРСТВЕННОГО ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ «ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА»
аккредитована сроком на 5 лет
(Протокол Аккредитационного Совета НААР № 81 от 26.01.2024 г.)
НН: № 510024840
Лицензия: № 0002786 от 07.05.2019 года
Срок действия свидетельства: 26.01.2024 г. - 25.01.2029 г.
Дата выдачи: 26.01.2024 г.
Регистрационный номер: АВ 5016
Генеральный директор

CERTIFICATE
OF THE INTERNATIONAL PROGRAM ACCREDITATION
This is to certify that
the program
1-49 01 01 02 Technology of baking, pasta, confectionery production and food concentrates
(Level: Bachelor)
of
STATE EDUCATIONAL INSTITUTION «TECHNOLOGICAL UNIVERSITY OF TAJIKISTAN»
has been accredited for 5 years
(Minutes of the Accreditation Council of the IAAR No. 81 from 26/01/2024)
TN: № 510024840
License: № 0002786, 07.05.2019
Certificate validity period: 26.01.2024 - 25.01.2029
Date of issue: 26.01.2024
Registration №: AB 5016
General Director
А. Жумагулова
A. Zhumagulova

Registered on the European Quality Assurance Register in Higher Education (EQAR)
Member of the European Association for Quality Assurance in Higher Education (ENQA)

дитатсияи байналмилалӣ гузашта соҳиби Шаҳодатнома гардидааст.

Аккредитатсияи байналмилалӣ барои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва донишҷӯён имкониятҳои зеринро фароҳам меорад:

– эътирофи байналмилалии донишгоҳ, пазироии кафолатҳои сифати баланди таҳсилот ва хизматрасонии таълимии ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ;

– ҳамгироии ҳамаҷониба ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва ворид шудан ба бозори берунии хизматрасониҳои таълимӣ;

– такомули мақом ва таҳкими мавқеи рақобатнокӣ дар бозори миллӣ ва байналмилалии хизматрасониҳои таълимӣ;

– дастгирии навовариҳои таълимӣ дар сатҳи тамоми низоми таҳсилоти олии кишвар;

– ширкат дар барномаҳои гуногуни табодули академӣ ба донишгоҳҳои ҳамрадиф ва хориҷи кишвар бо эътирофи кредитҳои азхудгардида;

– имконияти давом додани таҳсил дар зинаи магистратура ва докторантураи кишварҳои хориҷӣ;

– эътирофи рақобатпазирии хатмкунанда ҳам дар бозори меҳнати дохилӣ ва ҳам байналмилалӣ, шуғл аз рӯи ихтисос дар дохил ва хориҷи кишвар.

Раёсати донишгоҳ тамоми ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳро бо аввалин дастовард арзанда дар соли нави 2024 шодбош гуфта, бо боварӣ иброз медорад, ки онҳо минбаъд низ дар самтҳои таълиму тарбия ва илму инноватсия дастовардҳои беназирро соҳиб мегарданд.

# ҲИФЗИ ВАТАН-АРЗИШИ МУҲИММИ ФАРҲАНГӢ

Яке аз масъалаҳои муҳимми ҳар ҷомеа ин мавзӯи ватану ватанпарастӣ ва ҳифзи якпорчагии қаламрави кишвар ба ҳисоб меравад. Аз замони пайдоиши давлат ва ҳатто ҳанӯз қаблтар аз он инсонҳои ибтидоӣ бошгоҳ ва қаламраверо, ки дар он ба сар мебурданд мавриди ҳифз ва ҳимоят қарор медоданд. Кӯшиш менамуданд ҳамин қисмате, ки ба онҳо тааллуқ дошт аз дасти душманон ва нафароне, ки ба он ба назари соҳиб шудан менигаристанд, мавриди бархурд қарор мегирифт.

Зина ба зина бо болоравии фарҳанги башарӣ дигаршавии арзишҳо ва ба як ҷузъи зиндагонии инсонӣ табдил ёфтани онҳо, арзиши Ватану ватандӯстӣ ба як арзиши меҳварии башарият табдил ёфт. Ҳамин аст, ки дар ҳамаи фарҳангҳои ҷаҳонӣ ватану ватандорӣ, ҳифзи марзу бум нигоҳдошти озодиву истиқлол ва мубориза тулонии мардумон ба хотири ҳифзи ҳамин гуна арзишҳо будааст. Мусаллам аст, ки ҳар нафар вобаста аз маконе ки таваллуд мешавад аз он обу хок ғизо мегирад ва устухонаш бо аносири он ҷо бузург мешавад, ҳамон мавзеву маконро дӯст медорад. Онро ҳамчун ватан ва ҳамчун оғозгоҳ ҳамеша мавриди ситоиш қарор медиҳад.

Дар фарҳанги миллии мо низ ватану ватандӯстӣ ҳифзи марзу буми он яке аз арзишҳои меҳварӣ ба ҳисоб рафта, ҳамеша мавриди ситоиши донишмандону мутафаккирон ва аҳли зиё будааст. Аз тарафи дигар, дар арзишҳои мардумии мо номуси ватандорӣ ҳамчун як арзиши амалӣ ва рӯзмарраи ҳар фарди тоҷик ба ҳисоб рафтааст. Ҳамин аст, ки агар ба таърих назар афканем гузаштагони мо барои ҳифзи марзу буми хеш ва номуси ватандорӣ алайҳи ғосибону бедодгарон тани хешро сипар намуда мубориза бурданд. Ин равандро мо дар кӯшишҳову қаҳрамониҳои афроди баномуси миллӣ бар алайҳи ғосибони чун Искандар, арабу муғул ва турку фарангӣ мебинем. Барои мисол диловариҳои Спитамен бар алайҳи Искандар, ки дар муқобили он истодагарӣ намуда то охирин лаҳза барои номуси ватандории хеш мубориза бурд. Ҳамчунин муборизоти Муқаннаъ, Деваштич, Бобаки Хуррамдин ва садҳо нафари дигарро метавон мисол овард, ки дар баробари хунхориву ғаддории арабҳо истодагарӣ намуда, ба хотири бақои миллату мардуми хеш мубориза намудаанд.





Озодагиву ватандӯстии мардумонамон то ҳадде боло буд, ки барои ҷорӣ намудани ислом арабҳо се бор ба минтақаамон лашкаркашӣ карданд ва чун барои мардуми мо пазируфтани оини ғайр ниҳоятан мушкил буд, онҳо ҳеҷ гоҳ думболи арзишҳои бегона нарафтанд ва дифоъ аз обу хок ва марзу буми худ намуданд. Кор то ба ҳадде расид, ки арабҳо ба хотири ҷорӣ намудани ислом дар кар ҳонаи тоҷик намояндаи хешро гузоштанд. Ҳамаи ин далели он аст, ки мардумони сарзаминҳои мо дар ҳифзи марзу бум нигоҳ доштани якпорчагии давлату миллат мардумони сарсупурда ва ғаюру шуҷоъ мебошанд. Яъне ба тарзи дигар барои мондагории мардумони минтақаи мо ба ин фарҳангу ба ин забон ду навъи муборизот гирифтааст. Яке агар муборизот тавассути қалам ва аз тариқи зеҳнӣ сурат гирифта бошад, тариқаи дигари мубориза ин муборизаи руёрӯ ва амаливу сиёсии фарзандони баномуси халқи тоҷик будааст.

Агар ба решаҳои фарҳангии хеш назар афканем, ҳифзи ватан ва марзу буми он яке аз арзишҳои меҳварии авастоӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан дар матнҳои авастоӣ мафҳумҳои аз қабили немания – аъзои оила, висия – эзидон шахр, фравашиҳо – фариштаҳои кишвар, вира- мард, сарбоз, нафа – иттиҳод, вис – маънии масканро дорад, ки онҳо мавриди ситоиш қарор мегиранд. Дар осори баъдӣ, махсусан дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ватану ватандорӣ ва ҳифзи он муқобила ба бегонагон яке аз мавзӯъҳои меҳварӣ ба ҳисоб рафта, ҳанӯз аз қисмати асотирии Шоҳнома муҳим будани ватану ватандорӣ, зодгоҳ дифои қаламрав бисёр муҳим арзёбӣ мешавад. Дар қисмати дуввуми он низ ҳамагуна паҳлавонӣ, сипоҳдорӣ ва сипоҳсолорӣ, яъне ба тарзи дигар бахши қаҳрамонии он ин қаҳрамонӣ намудан ба сарзамину ватанро дорад. Ин ҳама бозгӯкунандаи он аст, ки арзиши ватандорӣ ва номуси диёрдорӣ ҳамеша барои мардуми мо ва барои фарҳангамон нихоят муҳим ба ҳисоб меравад.

Пас аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ то ибтидои асри 20 тамоми донишмандону шоирон ва нависандагони мо ин мавзӯъро ситоиш кардаанд ва барои поядагии ин марз ва ин фарҳанг аз тариқи сухан, шеър, мусиқӣ, илм кӯшишҳои худро ба харҷ додаанд ва сабабгори пойдорӣ ва мондагории миллат гардидаанд. Дар ибтидои асри 20 замони таҳавулотхои нави ҷаҳонӣ бузургмандони аз қабили устод Айнӣ, Нусратулло Махсум, Шириншох Шотемур ба хотири мондагории ин миллат ва ин марзу бум бо ҷасорати том ҳам аз роҳи қалам ва ҳам аз роҳи сиёсиву амалӣ ҷиҳати ҳифзи ин ватан ва ин сарзамин ва озодиву истиқлоли он мубориза бурданд ва иддае аз онҳо хешро низ қурбон намудаанд. Ин раванд хотима напазируфта аз ҷониби фарзандони дигари барўманди халқи тоҷик аз ҷумла Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир идомат пайдо кардаанд. Имрӯз низ меҳвари асосии эҷоди шоирону нависандагони моро мавзӯи ватану ватандорӣ ва ормонҳои миллӣ ташкил медиҳад.

Натиҷаи ин ҳама муборизот дар солҳои 90-уми қарни гузашта бо расидани истиқлоли сиёсӣ анҷомид. Вале бомдоди истиқлол низ ба бархурду чолиш кашида шуда, хатари нобудии миллат пеш омад. Дар ҳамин аснод зуҳури фарзанди дигари барўманди миллат Эмомалӣ Раҳмон буд, ки тавонист миллатро аз ин хатар раҳонад ва дубора онро сарҷамъ намуда пояҳои давлати миллиро устувор гардонад.

Имрӯз тамоми пойгоҳи давлатӣ ташаккул ёфта давлати ҷавони соҳибистиқлоли тоҷикон роҳ ба сӯи бунёдкориҳо ва пешрафтҳои азимро тарроҳӣ намудааст. Дар ин росто ҳар нафар аз шаҳрвандони кишварро зарур аст, ки боз ҳам ватану ватандориро амалан бештар дӯст дошта, бо кору фаъолияти хеш ҷиҳати пешрафти он саҳмгузорӣ намояд. Бояд фармӯш насозем, ки ҳар қадоми мо низ ба мисли гузаштагоне, ки бо фалсафаи ватандӯстиву номуси ватандорӣ тули зиёда аз ҳафт ҳазор сол арзишҳои фарҳангиамонро ҳифз намуда, то ба имрӯз овардаанд, мо низ аманатдори ҳамин миллат ва ҳамин давлатем.

Бояд тамоми неруи хешро ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ пешрафту шукуфоии кишвар, ҳифзи марзу буми он сафарбар намоем. Ҳамчунин вазифадорем, ки фарзандону пайвандони хешро дар ин руҳия тарбият намуда, хизмат ба ватанро ҳамчун шарафи инсонии хеш таблиғ намоем. Зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, ҷанбаҳои хатарнок низ дорад, ин ҷанбаҳо метавонанд давлату миллатҳоро аз байн бибарад. Танҳо аз роҳи огоҳӣ, яъне огоҳӣ аз шинохти таърихӣ ва фарҳангии миллат, огоҳӣ аз шинохт ва вокеияти имрӯз, инчунин огоҳона ва дақиқу илмӣ пешбинӣ намудани оянда ва идора карда тавонистани ин равандҳо метавонем аз ин ҳаводиси ҳавлноки асри равон миллату давлатро нигаҳдорӣ намоем.

**Исомиддин Шарифзода,**
**мудири кафедраи фанҳои гуманитарии ДТТ**

# НАҚШИ ПАЁМ ДАР РУШДИ МАОРИФ

*Имрӯз дар назди омӯзгорон дар самти тарбияи насли наврас ва ҷавонон вазифаҳои бисёр пурмасъулият меистад, ки иҷрои он, аз як ҷониб, бисёр пурмашаққат буда, аз тарафи дигар, кори арзишманд ва пуршараф мебошад.*

Иҷрои ин вазифа аз ҳар як омӯзгор ҷонфидоиву садоқат, масъулиятшиносӣ ва кӯшишу ғайрати дучандро талаб менамояд.

Чуноне ки Пешвои миллат дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии кишвар иброз намуданд “Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад. Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои ҷомеа ба шумор меравад.”

Пешрафту ояндаи давлат ва кӯшишу ғайрати омӯзгорон дар самти таълиму тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстиву худогоҳӣ тарбия намудани онҳо, инчунин, аз омода намудани кадрҳои баландихтисос вобастагӣ дорад. Ҳар чи қадар мақоми омӯзгор дар ҷомеа баланд ва вазъи иҷтимоиаш беҳтар бошад, дар таълиму тарбияи насли наврас ҳамон қадар хизмати содиқона мекунад. Ҳавасмандкунии омӯзгорон ба фаъолияти босифати онҳо таъсир мерасонад ва ба боловарии сифати таълим мусоидат менамояд.

Бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагии кормандони соҳаи маориф дар Паёми Президенти кишвар омадааст, аз моҳи июли соли 2024 дар ҳаҷми 40% музди меҳнати омӯзгорон баланд бардошта шавад. Чунин иқдому дастгирӣ ба беҳтар гардидани фаъолияти омӯзгорон ва сатҳу сифати таълиму тарбия таъсири мусбат мерасонад.

Ногуфта намонад, ки омӯзгорӣ кори ҳар нафар нест ва на ҳар шахс аз уҳдаи ин вазифаи пурифтихор сарбаландона мебарояд. Ин аз худи омӯзгор вобастааст, ки то кадом андоза дар ин роҳ ҷидду ҷаҳд намояд, босабру таҳаммул бошад. Маҳз инсониятро маориф соҳиби хираду дониш намуда, дар роҳи рост хидоят менамояд. Яъне, рушди ҳама соҳаи ҳаёти ҷомеа ва бақои давлату миллат ба маориф вобаста мебошад.

Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки “Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад”.

Дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бартараф сохтани мушкилот ва татбиқи ҷораҳои иловагӣ дар соҳаи маориф хеле манфиатовар ва саривақтӣ махсуб ёфта, ҷиҳати рушди босамар ва ба талаботи замони муосир мутобиқ гардидани он мусоидат мекунад.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки таъмини иҷрои талаботи дастуру супоришҳои Сарвари давлат ба рушди соҳаи маориф такон хоҳад бахшид. Дар баробари ин, ҷиҳати ҳалли мушкилот заминаи боэътимод ва устувор хоҳанд гузошт.

**Бибихосият ШАМСОВА,**
**Аълочии маориф**
**ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**дорандаи медали Хизмати шоиста**

# ҶОЙГОҲИ ҶАШНИ САДА ДАР МУКАММАЛУ УСТУВОР НАМУДАНИ ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ДОНИШҶӮЁН

Ҷашни Сада баёнгари тамаддуни қадимаи тоҷикон буда, ҳифзу таҷлили он вазифаи муқаддаси ҳар яки мост. Ҷашнҳои миллӣ, хусусан Сада ҷиҳати мустаҳкам намудани мавкеи мо тоҷикон ҳамчун як миллати воҳид дар арсаи байналмилалӣ мақоми шоиста дорад. Дар эҳёи ин ҷашни миллӣ дар баробари дигар ҷашнҳои миллии тоҷикон дар даврони соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши бузург доранд.

Метавон гуфт, ки даврони соҳибистиқлолӣ ба давлати Тоҷикистон имкон дод, ки ҳар ончи моли мо тоҷикон дар гузашта буд, ба тамаддуни миллати тоҷик дахл дошт, баробари пойдор гардидани сулҳу ваҳдат соҳибӣ намояд ва барои ба наслҳои оянда мерос гузоштан анъанаҳои ин ҷашнҳоро эҳё кунад. Чуноне, Президенти мамлакат дар паёми табрикотии худ бахшида ба ҷашни Сада иброз намуда буданд: «Сада дар баробари ҷашнҳои вокеан мардумии Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон яке аз ойинҳои куҳантарини мардумони ориёитабор, аз ҷумла мо – тоҷикон буда, баъди гузашти асрҳои зиёд дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз нав эҳё гардид».

Маврид ба зикр аст, ки аз ин оини куҳантарини худ мо имрӯз бо ифтихор ёд намуда, дар доираи хонавода низ таҷлил намоем. Суннатҳои ҷашни Сада ҳар як оиларо ба ободию осудагӣ ҳидоят менамояд. Аз ин рӯ, Пешвои миллат иброз доштанд: Ҳамчунин, хотиррасон менамоям, ки ободу сарсабз гардонидани табиати кишвар, гулгашту кӯчаҳо, тозаву озода кардани хонаву кошона ва маҳалли зист аз ҷумлаи суннатҳои ҷашни Сада ба ҳисоб мераванд».

Ҷашни Сада, ки пеш аз ҷашни Наврӯз меояд аз оғози корҳои кишоварзӣ ва фасли шукуфтанҳо мужда медиҳад. «Аз ин ҷашни бостонӣ то ба имрӯз як силсила расму анъанаҳо, намунаҳои фарҳангиву адабӣ ва малакаву таҷрибаҳои кишоварзӣ мерос мондаанд, ки ин арзишҳои маънавӣ наслҳои имрӯзаро бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи халқамон пайванд медиҳанд».

Ҷиҳати устувор гардонидани ҳуввияти миллии мо тоҷикон дар замони вусъат ёфтани ҷаҳонишавӣ эҳёи расму ойинҳои ин ҷашни аҷдодӣ бисёр муҳим мебошад. Ҳарчи бештар ба ҷавонон аҳамияти ҷашни Сада фаҳмонида шавад, дар рушди худшиносию ҳуввияти миллии онҳо нақши муассир мегузорад. Бо шарофати эҳё гардидани ин ҷашни бостонӣ ба ҷавонон таърихи бостонии миллати тоҷик ошнотар ва ҳисси ифтихор аз фарҳангу тамаддуни мардумамон афзун мегардад.

Дар робита ба ин, метавон аз натиҷаи дарсҳои тарбиявии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон доир ба ин ҷашни бостонӣ ёдовар шуд. Ҷавонони донишгоҳ, ки ба омӯхтани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва касбҳои замонавӣ машғул ҳастанд, тавассути омӯзиши суннатҳои чунин ҷашнҳои аҷдодӣ ба навовариию эҷодкорӣ бо доштани маълумоти комил аз гузашти худ ва ҳисси худшиносӣ машғул мегарданд, ки ин хеле мубрам аст. Барои ҳар шахс пеш аз соҳибкасб гардидан, худшиносу ватандӯст будан бисёр муҳим аст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷашни Сада дар таълиму тарбияи наслҳои оянда, рушд додани тоҷикият дар қалби онҳо нақши бориз дорад. Инсон новобаста аз он, ки дар кадом гӯшаи дунё умр ба сар мебарад, соҳиби кадом касбу кор аст, аслу насаби хешро бояд бидонад ва то лаҳзаи охир Ватани худро дӯст бидорад.

Омӯзиши ҷашни Сада, таҷлили он ба донишҷӯён имкон медиҳад гузаштагони соҳибтамаддуни худро, ки дар пайдоиши чунин ҷашнҳои аҳамияти ҷаҳонидошта асос гузоштанд, шиносанд ва дарк намоянд, ки тоҷик аз рӯзи пайдоиши худ то имрӯз тамаддунофару ихтироъкору соҳибэҳтиром буд.

Ҷашни Сада, ки моҳияти иҷтимоиву иқтисодӣ пайдо карда, ба яке аз василаҳои таблиғу ташвиқи корҳои деҳқониву боғдорӣ табдил ёфтааст, ҳамзамон метавонад, дар ҷавонон ҳисси созандагию эҷодкориро сайқал диҳад. Ҷашни Сада ва умуман тамоми ҷашнҳои аҷдодии мо далели онанд, ки тоҷик дар гузашта тавоно буд ва имрӯз низ тавоно аст, дар оянда низ наслҳои ояндаи мо, мутахассисони ояндаи мо бояд тавоною созанда бошанд.

**Ситора АБДУМУМИНЗОДА,**
**н.и.п, муовини ректори**
**ДТТ оид ба тарбия**

# ҶАШНИ САДА ВА ТАРЗИ ИСТИҚБОЛИ ОН



Сада дар забони авастоӣ ба маънои баромадан ба тулӯъ кардан будааст. Агар нахустин рӯзи зимистонро пас аз шаби Ялдо, таваллуди дигаре барои Хуршед ё Меҳр донем, метавон он рӯзро ҳамоҳанг бо дахумин ва чиҳилумин рӯзи таваллуди ойини куҳан ва зиндаи мардуми тоҷику форс ҷашн гирифт.

Донишманди шинохтаи Эрон Ҳошими Ризоӣ дар бораи истилоҳи Сада менависад, ки Сада вожаи форсию тоҷикӣ аст. Сада дар забони паҳлавӣ ба шаклҳои мухталиф омадааст: сат, сатаг, садҳаг, садҳ, сата. Дар арабӣ бошад ба шакли сазақ, ё садақ талаффуз мешавад.

Дар форсии миёна ва форсии бостон ва Авасто истилоҳи “сата” ба маънои сад, адади сад мебошад. Чунончи, дар форсӣ низ “сада ба маънои сад сол дар баробари қарн ба кор меравад.

Ҷашни Садаро дар байни мардуми форсизабон бо роҳҳои гуногун пешвоз мегиранд. Намунае аз ин ҷашн чунин аст. Дар дахумин рӯз ё Обонрӯз аз баҳманмоҳ ба оташ гирён кардани ҳезуме, ки мардум аз пагоҳӣ аз боми хонаи худ, ё аз баландии кӯҳистон ҷамъ овардаанд, ин ид оғоз мешавад. Ин маросими ҷашнӣ ҳамеша ба шакли дастҷамъӣ ва бо ҷамъ шудани мардуми шаҳр, маҳалла ва деҳот дар як ҷо ба оташгирёнии бузурге баргузор мегардад. Мардум дар ҷамъ овардани ҳезум ба якдигар ёрдам мекунанд ва ба ҳамин тартиб ҷашни Сада барпо мегардад. Ҳамин тарик, дар ҷашни Сада маросими афрӯхтани оташ ва паридан аз болои он анъана будааст, ки дар баъзе аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷашну маросимҳо, алалхусус тӯйи домодию арӯсӣ ин анъана нигоҳ дошта шудааст у гувоҳи ориёинажодии миллати тоҷикро нишон медиҳад.

Бояд гуфт, ки чунин анъанаҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, Хатлон ва баъзе аз ноҳияҳои тобеи марказии кишвар бо хусусияти маҳҳалҳо гузаронида мешавад.

Ба ҳамин минвол аз шаби таваллуди Хуршед, пас аз чиҳил рӯз ба хотири гарму сӯзон шудани Офтоб, ниёкони мо ҷашни Садаро гиромӣ медонистанд. Ҳамин тарик, чилрӯзагии Хуршедро дар рӯзи дахуми баҳман (30-юми январ) чун Сада ҷашн мегирифтанд ва пас аз 50 рӯз, яъне 21-уми март замони ба балоғат расидани онро ба таври васеъ ҷашн мегиранд, ки он рӯз Наврӯз аст.

Мардум, махсусан деҳқонон дар ин айём аз рӯи анъана ба кандани каналу ҷӯйборҳо, тоза кардану ҷӯйбору кӯчаҳо, кишт кардани замин ва пошидани пору ба заминҳо, тайёр намудани тухми кишт, нигоҳубини махсуси чорво ва ҳайвоноти хонагӣ барои аз фасли зимистон солим бароварданни онҳо тадбирҳои махсус меандешиданд.

Бинобар ин, Сада ва ҷашнгирии он монанди дигар ҷашнҳои фарҳангиву суннатии сол дар дидгоҳи ниёкони мо, қисме аз маросим ва дигаргуниҳои воқеии зиндагонии инсонӣ ва табиату кайҳон мебошад. Ҷашни Сада ягона иди милливу суннатӣ дар бахши кишоварзӣ ва киштӯ кор дар байни ҷашнҳои суннатии дигар дар давоми сол мебошад. Сада мардумро ба покиву ростгӯӣ, некандешӣ, хайрхоҳӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, порсоӣ, фарҳангдӯстӣ, дӯстиву рафоқат даъват намуда, некиро ба бадӣ, нурро дар муқобили зулмот мегузорад.

**Омина Фарҳудинзода,**
**докторанти PhD-и ФМТ**

# САДА – ПАДИДАИ ФАРҲАНГИ АСИЛИ АҶДОДӢ ВА ҶУЗЪИ ҶУДОНОПАЗИРИ ХУДШИНОСӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

Сада аз ҷашнҳои бостонии мардумони ориётабор ба ҳисоб рафта, моҳияти онро пирӯзии рушноӣ бар торики, гармо бар сармо ва некӣ бар бадӣ ташкил дода, мардум онро ба афрӯхтани гулханҳои бузург таҷлил мекарданд. Он ба ягон дину мазҳаб тааллуқ надошт ва надорад.

Бо пайдо шудани оташ ва муқаддас гардидани он мардуми пешин барои худ ҷашни Саддаро интихоб кардаанд. Ин аз як тараф, ифодагари рамзи ҷовидонагии Хуршед ва муқаддас донистани оташ бошад, аз тарафи дигар ба зиндагии инсон ва робитаи ӯ бо табиат вобастагии ногусастанӣ дорад.

Баъдҳо махз пайдо шудани ҷашни оташ ва ҳамчун ҷашни Хуршед донистани он ҷашни Сада дар миёни мардум густариш кард. Махз ҷашни Сада барои эҳтиром гузоштан ба Хуршед ва оташу рӯшноӣ асос гузошт ва боиси он гардид, ки одамони қадим ба ин муқаддасот эътиқод пайдо намоянд ва онро ситоиш созанд.

**Эй миллати ман, халқи нигаҳбони Сада!**
**Сар то қадамат оташи тобони Сада!**
**Бар партави нав бихез дар ҳафт Иқлим,**
**Бар қомати шуълавар ба ҷавлони Сада!**

Кишоварзону деҳқонон фарорасии ҷашни Садаро интизор мешаванд, оташ меафрӯзанд ва ба умеди зудтар расидани фасли баҳор гирди он давр мезананд. Баъдан хокистари гулхани афрӯхтаро ҷамъ намуда, бо нияти бобарор омадани ҳосили баҳор онро дар замин мепошанд. Дуо мекунанд, ки баҳори имсола бо худ файзу баракат ва фаровонҳосилиро биёрад.

Бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари мо Сада расман рӯзи 30-юми январи ҳар сол ҷашн гирифта мешавад.

**Оятулло Зарифов, донишҷӯи курси 2-юми тибқи квотаи Президентӣ таҳсилкунандаи факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ**



# НИШАСТИ МАТБУОТӢ



**Дар нишасти матбуотие, ки 1-уми феврали соли 2024 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон баргузор шуд, намояндагони васоити ахбори оммаи кишвар ширкат варзиданд.**

Сараввал, ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур журналистонро хайрамақдам гуфта, доир ба фаъолияти донишгоҳ дар соли 2023 ба таври мухтасар суханронӣ намуд.

Ӯ аз ҷумла иброз дошт, ки дар сохтори донишгоҳ 8 факултет, шуъбаи магистратура, 19 кафедра, 2 марказ, инчунин филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара ва Литсейи инноватсионии «Душанбе» фаъолият доранд. Дар 230 гурӯҳи академӣ дар маҷмӯъ 3460 нафар донишҷӯ тибқи низоми кредитии таҳсилот ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Донишгоҳ мутахассисонро дар зинаҳои бакалавр, магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос PhD, унвонҷӯ омода ва роҳбаладӣ менамояд.

Ҳайати устодону профессорони донишгоҳ дар умум 177 нафар омӯзгори доимиро ташкил медиҳад, ки аз ин 14 нафар доктори илм ва 96 нафар номзади илм ба ҳисоб меравад. Ҳиссаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмидошта ба 62,2% баробар буда, ба талаботҳои меъёрии МТОК ҷавобгӯ мебошад.

Дар раванди таҳким бахшидани пояи моддиву техникии ҷараёни таълим дар донишгоҳ 42 сифхонаи лексионӣ, 20 синфхонаи компютерӣ, 32 озмоишгоҳ, 30 синфхона барои дарсҳои амалӣ, 94 тахтаи анъанавӣ, 56 тахтаи электронӣ, 4 адад минбари электронӣ, 108 адад проектор ва дигар таҷҳизоти мултимедиявию аккустикӣ мавриди истифода қарор дода, айни замон дар ҷараёни таълим 780 адад компютери замонавӣ истифода шуда истодаанд.

Яке аз омили муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот ва обрӯю эътибори донишгоҳ ширкат дар рейтингҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар доираи лоиҳаи ҳамкориҳои байналмилалии Олмон GIZ – «Маълумоти касбӣ барои соҳаҳои рушди иктисодӣ дар Осиёи Марказӣ» соли 2023 ихтисосҳои 1-49 01 01 03 – «технологияи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ ва консентратҳои ғизоӣ» ва 1-49 01 01 03 – «технологияи консервкунонӣ» аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шуда, соҳиби сертификат гардиданд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2023 дар рейтинг байни 40 макотиби таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми 8-умро ишғол намуд.

Раёсати донишгоҳ инчунин барои сабти дарсҳои видеоӣ дар заминаи студияи телевизионии «Маърифат» шароити мусоид фароҳам оварда, барои захирасозии маводҳои таълимӣ ва инчунин ташкили дарсҳои бархатӣ (онлайнӣ) таҷҳизоти заруриро дастрас намуд, ки аз имкониятҳои техникии он васеъ истифода бурда мешавад.

Дар соли 2023 дар умум 24 нафар, аз ҷумла 17 нафар бакалавр ва 7 нафар магистрант сазовори дипломи аъло гардиданд.

Донишгоҳ дар тули фаъолияташ зиёда аз 16785 нафар мутахассисро ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар тайёр намудааст, ки 658 нафарашон донишгоҳро бо дипломи аъло хатм кардаанд.

Дар соли 2023 устодону донишҷӯёни донишгоҳ дар зиёда аз 640 чорабинӣ ширкат варзида, дар давоми сол 218 чорабинии фарҳангӣ, сиёсӣ, варзишӣ дар донишгоҳ ташкил ва баргузор карда шудааст.

Накшаи шарҳу тавзеҳи Паёми Пешвои миллат дар донишгоҳ таҳия ва тасдиқ гардид, ки тибқи бандҳои он тамоми сохторҳои донишгоҳ мувазааф гардиданд. Зиёда аз 18 мақола дар доираи Паёми Пешвои миллат дар сомонаи расмӣ ва саҳифаҳои расмии донишгоҳ дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби профессорону номзадони илми донишгоҳ нашр карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нақша – чорабиниҳои донишгоҳ таҳия карда шуда, иҷроиши он зери назорати қатъӣ қарор гирифтааст.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар соли 2023 дар самти иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ба як қатор дастовардҳо ноил гардид.

Дар маҷмӯъ соли 2023 ду нафар рисолаи докторӣ, 1 нафар рисолаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ва 6 нафар рисолаи номзадиро дар шуроҳои диссертатсионии КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия дифоъ намуданд.

Аз тарафи олимони донишгоҳ 15 дархост барои гирифтани патент пешниҳод шудааст, ки аз онҳо 10 патент ба даст оварда шуд ва 5 ҳалномаи мусбӣ барои гирифтани патент дастрас карда шуд.

Дар соли 2023 Икромӣ Муҳаббат Бобо бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарфароз гардонида шуд.

Қайд гардид, ки дар соли 2023 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо 18 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, созмону ширкатҳои хориҷӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ шартнома ва созишномаҳои тарафайн ба имзо расонидааст.

Баъди аз ҷониби ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ба самъи аҳли толор расонидани корҳои анҷомдодаи ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ дар соли 2023, намояндагони васоити ахбори омма доир ба саволҳои хеш, ки фарогири масъалаҳои зерин буданд, аз ҷониби роҳбарият ва масъулини сохторҳои донишгоҳ ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд:

– дар бораи дархостҳои олимони донишгоҳ ҷиҳати гирифтани патент ва ҳалномаҳои мусбӣ дар ин самт;
– чопи мақолаҳои илмӣ дар КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА- и Федератсияи Россия;
– баррасӣ ва қонеъ гардонидани аризаҳои донишҷӯён;
– татбиқи илм дар истеҳсолот;
– бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидани хатмкардагони донишгоҳ;
– роҳҳои боз ҳам беҳтар гардонидани сифати таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир;
– сабабҳои иҷро нагардидани нақшаи қабули довталабон ба донишгоҳ;
– дар хусуси низоми таҳсилоти дуалӣ;
– корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ҷиҳати ҷалби довталабон ба донишгоҳ аз тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– амалигардонии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар;
– фаъолияти навоварию ихтироъкорӣ дар донишгоҳ;
– татбиқи конунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар донишгоҳ;
-сабабҳои хориҷ намудани донишҷӯён аз донишгоҳ;
-дастовардҳои омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», « Илм -фурӯғи маърифат», «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат».

**Р. ШАРИФ**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВАССУТИ ИСТЕҲСОЛИ «ЭНЕРГИЯИ САБЗ»

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки "Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи "Иқтисодиёти сабз" соли 2027 воқеан ба "Кишвари сабз" табдил меёбад".

Яке аз роҳҳои ба "Кишвари сабз" табдил ёфтани мамлакат ин тавлиди "энергияи сабз" мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он барои ноил гардидан ба ҳадафи миллии стратегии худ – истиқлоли энергетикӣ саъю кӯшиш карда истодааст. Оид ба масъалаи болозикр Президенти маҳбуби кишварамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш баръало иброз доштанд: "Мо тасмим гирифтаем, ки соли 2025 агрегати сеюми нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода диҳем.

Бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд. Бо амалисозии тадбирҳои зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардида (ҳоло 98 фоиз), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ (парниковый) то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад"

Олимону коршиносон чунин меҳисобанд, ки нерӯгоҳҳои барқи обӣ яке аз манбаъҳои асосии истеҳсоли "энергияи сабз" баҳисоб мераванд. Гарчанде бунёди НБО хеле гарон бошад ҳам, аммо он метавонад хеле тез ва босуръат ба иқтисодиёти кишвар фоида орад. Энергияи обӣ аз ҷиҳати экологӣ нисбат ба дигар намуди нерӯгоҳҳои барқӣ безарар аст, зеро аз НБО ягон намуди партов ва газҳои зараррасон ба муҳит партофта намешавад. Ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ночиз аст. Ғайр аз ин, нисбат ба нерӯи тариқи нерӯгоҳи бодӣ ё лавҳа (панел)-ҳои офтобӣ истеҳсолшаванда, НБО аз лиҳози иқтисодӣ хеле арзон аст. Бузургтарин кишварҳои тавлидкунандаи "энергияи сабз" Исландия, Канада ва Норвегия ба ҳисоб мераванд. Ҷумҳурии Мардумии Чин низ оид ба истифодаи манбаъҳои ивазкунандаи энергия пешсаф аст. Аз маълумоти олимону коршиносон бармеояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз нигоҳи захираҳои гидроэнергетикӣ, нерӯи тағдидшаванда дар дунё дар ҷойи 8-ум қарор дорад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти татбиқи «иқтисоди сабз» дар соҳаҳои саноату иқтисодиёт соли 2037 воқеан ба кишвари сабз табдил меёбад. Ин иқдоми Пешвои миллат низ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб пазируфта шуд.

Ҳоло кишвари мо аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад, инчунин, аз рӯи фоизи истеҳсол ва истеъмоли энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар байни кишварҳои ҷаҳон ҷойи 6-умро ишғол менамояд.

Тағйирёбии иқлим яке аз проблемаҳои аввалиндараҷаи глобалии ҷаҳони муосир ба шумор меравад ва сол ба сол ҳодисаҳои ноҳуше, ки ба тағйирёбии иқлим вобаста аст ба маром зиёд шуда истодаанд. Пас ба хулосае омадан зарур аст, ки яке аз самти муассири ҳалли ин муаммоҳо тавлиди «энергияи сабз» мебошад. Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон имконияти амалӣ намудани рушди "иқтисоди сабз" ва "энергияи сабз"-ро тахти роҳбарии бевоситаи Пешвои миллат дорад. Дар самти татбиқи «лоиҳаҳои сабз», хусусан барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсаднокӣ рушди "иқтисоди сабз" ва ҷалби сармояҳои дохиливу хориҷӣ тавассути институтҳои байналмилалии молиявӣ, кишвари мо метавонад ба яке аз кишварҳои "туризми сабз" мубаддал шуда, дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ шавад.

Маврид ба зикр аст, ки захираҳои обии Тоҷикистон таъминкунандаи рушди бемайлони тамоми соҳаҳои иқтисодиёт буда, муаррификунандаи кишвар дар сатҳи ҷаҳонӣ ба шумор меравад.Дар ин радиф иқтисодиёти мамлакат тавассути иқтисоди сабз, яъне, бо дарназардошти зина ба зина истифодаи НБО, лавҳа (панел)-ҳои офтобӣ ва бодӣ (шамолӣ) дар чаҳорчӯбаи матлаби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда истодааст, ки ин бозгӯи амалигардии сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомали Раҳмон мебошад.

Манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар Тоҷикистон инҳоянд:

**Энергияи офтобӣ:** кишвари мо пурра дар «Минтақаи офтобии ҷаҳонӣ» ҷойгир шуда, иқтидори бузургро барои рушди истифодаи энергияи офтобӣ дорад. Давомнокии солонаи рӯшноии офтоб дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз 2100 то ба 3170 соатро дар як сол ташкил медиҳад. Дар минтақаҳои гарм дар як сол 2700 соат ба зичии афканишҳои офтобӣ то 1кВт/м2 ва зиёдтар аз онро ташкил медиҳад.

Ба ҳамаи бартариҳою шароити мусоид барои рушди истифодабарии нерӯи офтоб нигоҳ накарда, ҳоло дар ҷумҳурӣ, иқтидори бузурги он қариб беталабот боқӣ мондааст. Ҳарчанд аз рӯи тахминҳои Пажӯҳишгоҳи физикӣ-техникии Академияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон он метавонад 20%-и талаботи энергетикии кишварро қонеъ намояд.

**Энергияи обӣ:** дар Тоҷикистон НБО манбаи асосии энергия ба ҳисоб меравад. Ҳисоб карда шудааст, ки азхудкунии танҳо 10%-и иқтидори энергияи обии дарёҳои хурд дар минтақаҳои миёнакӯҳ ва баландкӯҳ имкони то 70% бо барқ таъмин намудани нуқтаҳои аҳолинишин ва инфрасохтори кишоварзиро дорад.

**Энергияи геотермалӣ:** дар Тоҷикистон имкониятҳои истифодаи энергияи геотермалӣ ба қадри имкон омӯхта нашудаанд. Дар кишвари мо ҳамчун манбаъҳои геотермалӣ – Хоҷа Оби Гарм, Оби гарм, ки ҳарорати оби он ба 900С ва Гармчашма то 500С мерасад, маълум мебошанд.

**Энергияи биогаз:** то ба имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор дастгоҳҳои биогазӣ амал мекунанд, ки хусусияти инфиродӣ доранду мушоҳида намешаванд, аммо истифодаи оммавии онҳо алҳол мушоҳида намешаванд.

**Иқтидори энергияи шамолӣ (бодӣ):** олимону мутахассисони соҳа изҳор менамоянд, ки иқтидори энергияи шамол дар ҷумҳурӣ ба таври кифоя омӯхта нашудааст. Аз рӯи тахминҳои гуногун он метавонад дар як сол аз 30 то 100 млрд кв.соатро ташкил диҳад. Истифодаи энергияи шамол дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, ки суръати шамол ба таври кифоя зиёд аст (зиёда аз 5-6 м/с дар баландии 10 м аз сатҳи замин-Хуҷанд, Қайроқум, Файзобод, ағбаҳои Хобурободи қисматҳои ноҳияи Айнию Шаҳристон, ағбаи Анзоб ва дигар минтақаҳо) ояндадор мебошад. Дар ин ҷо дастгоҳҳои энергияи шамолро метавон барои тавлиди нерӯи барқ, бардоштани об ва осиёбҳо барои истеҳсоли орд мавриди истифода қарор дод.

Бартарии «энергияи сабз» дар он аст, ки нисбат ба муҳити зист безарар мебошад. Манбаъҳои барқароршавандаи "энергияи сабз" оби дарёҳо, нури офтоб, шамол ва гармии замин мебошанд.

Хулоса, олимону коршиносон ва мутахассисони ин соҳа чунин ақида доранд, ки сармоягузорӣ ба «энергияи сабз» дар ҳоли рушд ва тахти назари бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Даҳ сол муқаддам ба саволе, ки сармоягузорӣ ба "энергияи сабз" фоидаовар аст ё не, қисме аз олимону таҳлилгарони соҳа ҷавоби манфӣ медоданд. Айни замон бошад, вазъият куллан тағйир ёфта, барои маблағгузории дарозмуддат, дар роҳи бунёди НБО, энергияи офтобӣ, энергияи геотермалӣ, энергияи биогаз, энергияи шамолӣ, сармоягузорони дохил ва хориҷи кишвар саҳм мегиранд. Шояд, пешгӯиҳои олимону коршиносон, ки "энергияи сабз" то соли 2040 бояд ҷойи нафту газро пурра гирад, мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад.

**Солиева Бахринисо Абдулоиқовна,**
**омӯзгори кафедраи химия, номзади илмҳои биология**

# ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ – ТАЛАБИ ЗАМОН ВА РОҲ БА СӮЙИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Солҳои охир дар ҷомеаи Тоҷикистон истифодаи вожаву ибораҳое чун иқтисоди рақамӣ, хизматрасониҳои электронӣ ва ҳукумати электронӣ бештар мушоҳида мегардад. Махсусан пас аз он ки 22-юми июни соли ҷорӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гузариш ба пардохти ғайринақдӣ" имзо гардид, масъалаи мазкур мубрамияти боз ҳам бештар пайдо намуд.

Дар бисёр ҷомеаҳо гузариш ба иқтисоди рақамиро роҳи ягонаи пешгирӣ аз фасодкорӣ ва осонтар гардонидани фаъолияти мақомоти давлатӣ мешуморанд. Иқтисоди рақамиро ҷомеаи аврупоӣ ҳамчун "иқтисоди ҳушманд" тавсиф мекунанд ва барои фаъолияти худ як қатор принсипҳо ва омилҳои онро тавсиф менамоянд:

– Майл кардан ба навоварӣ;
– Сатҳи рушди соҳибкорӣ;
– Сатҳи нишондодҳои иқтисодӣ ва молии кишвар;
– Пешрафти самараноки иқтисодӣ;
– Тағйирпазирии бозори меҳнат;
– Шомилшавӣ ба равандҳои иқтисодии бозори байналмилалӣ.

Ҷомеаи иқтисоди рақамиро метавон чунин тавсиф намуд, ҷомеае, ки дар он хариду фурӯш, фаъолияти бозору муассисаҳо, ҳисоббаробаркуниҳои расмиву ғайрирасмӣ ба тарзи ғайринақдӣ анҷом дода мешавад.

Хушбахтона, Тоҷикистон низ аллакай аввалин қадамҳои худро дар роҳи гузариш ба иқтисоди рақамӣ гузоштааст. Шуруъ аз 1-уми августи соли 2023 бо фармони махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи муассисаҳои давлатӣ ва низоми андозбандиву буҷетии кишвар ҳама гуна ҳисоббаробаркуниҳо ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шудааст.

Лозим ба таъкид аст, ки дар Тоҷикистон ҳамагуна шароит ва захираву имконоти зарурӣ барои гузариш ба низоми мазкур фароҳам гардида, бонкҳову муассисаҳои хурду бузурги молиявӣ фаъолияти доимии худро ба роҳ мондаанд. Бо ин гуфтан мумкин аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон таҷрибаи иқтисоди ҳушмандро давоми солҳо омӯхта ҷомеаи кишварро барои гузариш ба он омода намуд ва бо фароҳам омадани заминаҳо ва беҳтар гардидани саводнокии иттилоотии шаҳрвандони кишвар гузариш ба ин низом имконпазир гардид.



Дар Тоҷикистон дар баробари иқтисоди рақамӣ солҳои охир гузариш ба ҳукумати электронӣ ва хизматрасониҳои электронӣ низ таъриф карда мешавад. Дар натиҷаи ҳамаи омӯзишу таҳқиқотҳо ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки гузаштан ба ҳукумати электронӣ раванди фаъолияти рӯзмарраи мақомоти давлатиро осон ва зиндагии аҳолии одиро осонтар мегардонад. Ҳамчун мисоли одӣ ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки агар солҳои пеш шаҳрвандон барои гирифтани маълумотнома барои ҷойи зист ва ё ягон маълумотномаву дигар хизматрасониҳои давлатӣ муддати зиёд дар навбат истодаву вақти худро сарф менамуданд, бо гузариш ба низоми навини ҳукуматӣ ин муаммо аз байн меравад. Минбаъд хоҳишмандон метавонанд, танҳо бо як мурооҷиати электронӣ мушкилоту муаммоҳое, ки ҳалли он кумаки намояндагони мақомоти давлатиро талаб менамояд, ҳал мекунанд.

Дар баробари ин, гузариш ба ҳукумати электронӣ аз таҷрибаҳои пешқадами кишварҳои Аврупову Осиёи Ҷанубу Шарқӣ гувоҳӣ медиҳад, ки гузариш ба ин низом сатҳи фасодкорӣ ва дигар мушкилоти ба он алоқамандро ба маротиб паст карда, нисбат ба тарафҳои манфӣ бештар тарафҳои мусбатро зоҳир менамояд.

Бо ин гуфтан мумкин аст, ки роҳи интихобнамудаи Ҳукумати кишвар дар масири гузариш ба Ҳукумати электронӣ душвор ва барои ҷомеаи кишвар нофаҳмо, вале дар навбати худ барои ояндаи давлату миллат фоидаовар мебошад. Аз ин ҷост, ки мо шаҳрвандонро зарур аст, то иқдоми мазкурро дастгирӣ намоем ва дар роҳи дар амал татбиқ намудани принсипҳои ин низоми бо Ҳукумати кишвар дар ҳамкории ҳамешагӣ бошем.

**Муҳаммадҷон ДАВЛАТОВ,**
**донишҷӯи курси 3-юми факултети иқтисодиёт ва молия, омӯзгори фанни технологияи иттилоотии Гимназияи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

# ҲАМОИШИ ВАТАНДОРӢ

**Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ**




14-уми феврали соли 2024 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки коршиноси сатҳи байналмилалӣ Абдуллоҳи Раҳнамо дар мавзуи “Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ” ҳамоиш баргузор гардид, ки дар он омӯзгорону донишҷӯён ва магистрантон фаъолона иштирок намуданд.

Ҳамоишро муовини ректор оид ба тарбия Ситора Абдумуминзода оғоз намуда, иброз дошт, ки саҳми ҷавонон дар пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва ободию шукуфоии он беназир аст. Боиси ифтихор аст, ки бисёр иқдому ташаббусҳои созанда маҳз аз ҷониби ин қишри фаъоли ҷомеа роҳандозӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, ҷавонон созандагони имрӯзу фардои ҷомеа ва пайравони асосии Пешвои муаззами миллат маҳсуб меёбанд. Вале мутаассифона, боз ҳастанд баъзе ҷавононе, ки ба гурӯҳҳои террористиву ифротӣ ҳамроҳ гардида, бо амалҳои номатлуб ва кирдорҳои ношоиста ба ном ва шаъни ҷавонон иснод меоранд.

Бо дарназардошти ин ва бо мақсади он ки ҷавонон бояд аз хатарҳои амалҳои номатлуб, аз ҷумла терроризму экстремизм ба пуррагӣ огоҳӣ дошта бошанду ба доми гурӯҳҳои ифротӣ наафтанд, раёсати донишгоҳ дар якҷоягӣ бо бахши тарбия, доир намудани чунин як ҳамоишро бо иштироки сиёсатшинос, коршиноси варзида, устод Абдуллоҳи Раҳнамо бамаврид ва манфиатбахш донист.

Сипас устод Абдуллоҳи Раҳнамо доир ба роҳҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ва хавфу хатарҳои ба амнияти давлату истиқлолияти кишвар таҳдидкунанда ҳарф зада, бо мисолҳои мушаххас ҳадафҳои нопоку муғризонаи гурӯҳҳои террористиву ифротгароро шарҳ дод. Ӯ аз ҷумла қайд намуд, ки гурӯҳҳои террористию ифротӣ бештар онҳоеро ба гурӯҳҳои худ ҷалб кардanӣ мешаванд, ки саводи кофӣ надоранд, худогоҳу худшинос нестанд, бо ҳар гуна ваъдаҳои пучу беасос бовар мекунанд. Аз ин рӯ, ҷавононро зарур аст, ки қабл аз ҳама ватандӯст бошанд, ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надода, Ватан ва дастовардҳои истиқлолиятро аз ҳама чиз боло донанд.

Дар фарҷоми ҳамоиш мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ Исомуддин Шарифзода андешаҳои худро роҷеъ ба мавзуи матраҳгардида баён карда, баргузории чунин як ҳамоишро аз ҷониби коршинос Абдуллоҳи Раҳнамо манфиатбахш арзёбӣ намуд.

**Р. ШАРИФ**



# СОВЕТЫ ПЕРВОКУРСНИКАМ ОТ ВЫПУСКНИКОВ

В университете многие студенты начинают переживать об оценивании своих знаний меньше, чем в школе. Однако низкий средний балл в вузе может помешать пройти отбор в некоторые компании или продолжить обучение в престижном вузе. Для того, чтобы эффективно использовать время с максимальной пользой выпускники определили 14 на их взгляд основных советов.

1. Определите цели и расставьте приоритеты. Составьте список целей и периодически возвращайтесь к нему. Он будет мотивировать вас каждый день становиться лучше. Попробуйте составить план вашего обучения на пять лет вперёд.

2. Воспитывайте в себе интерес к новым знаниям и будьте любопытны. Разносторонние знания расширят ваш кругозор и обязательно пригодятся вам во время учёбы или когда-нибудь в жизни. Например, вы поддержите интересный разговор и тем самым расположите к себе клиентов, от которых зависит хороший проект для вашей Компании.

3. Победите свою лень. Ежедневно выполняйте задания и повторяйте пройдённый материал, тем самым неожиданно для себя вы хорошо подготовитесь к тестам и экзаменам. Залог успешной учёбы — ежедневный труд. В ночь перед экзаменами будете спокойно спать, а не пытаться выучить всё за одну ночь (проверено, это не работает).

4. Приучайтесь к самоконтролю и дисциплине. Умение заставить себя работать и дисциплинированность помогут не только в университете, но и в дальнейшей работе. На первом месте должно быть обучение, а социальные сети и интернет должны уйти на второй план. На время занятий избегайте всего что вас может отвлекать от подготовки к занятиям.

5. Распланируйте режим дня и не забудьте про физкультуру. Чтобы быть успешным студентом и держать продуктивность на высоком уровне, необходимо держать себя в хорошей физической форме. Спать по 8 — 9 часов в сутки. Вставайте рано, так у вас будет больше времени на учёбу. А вечерами находите время на отдых и досуг. Спорт и активный досуг дадут вам огромное количество энергии, чтобы продуктивнее мыслить и запоминать новую информацию.

6. Делайте перерывы. Сначала сконцентрируйтесь на усёбе и поработайте какое-то время, а потом сделайте перерыв. Попейте воды, подышите свежим воздухом, перекусите или прогуляйтесь. Составляйте своё расписание с учётом таких небольших перерывов на отдых. На природе можете пользоваться аудиозаписями лекций или электронными книгами.



7. Визуализируйте и моделируйте. Чтобы лучше запоминать, представляйте себе модель изучаемого предмета. Разделите изучаемый материал на несколько логических частей. В логичной системе проще запомнить материал. Понимание материала гораздо важнее, чем заучивание информации наизусть.

8. Обязательно посещайте лекции и будьте на них активны. Преподаватель может дать дополнительную информацию или поделиться опытом из своей практики. Лекции — это живое общение, когда можно задавать вопросы и получать обратную связь. Регулярное посещение занятий сэкономит время, которое вы потратите на чтение учебников и на поиск информации. Будьте внимательны, планомерно ведите конспект. Чем лучше вы поймёте материал, тем легче вам будет на экзамене, а может получите баллы автоматом — за посещаемость и активное участие.

9. Ведите конспекты правильно, разработайте систему записи, подходящую для вас. Можете использовать различные маркеры для подчёркивания основной мысли, разноцветные ручки или простой карандаш. На полях записывайте, кратко, примеры, приводимые преподавателем, и эта короткая запись напомнит вам о хорошем примере во время ответа.

10. Помогайте и пользуйтесь помощью. Будьте активны в группе — помогайте остальным сокурсникам, ведь объясняя материал другим, вам самим будет легче его понять или вспомнить. Кроме того, вы научитесь работать в команде и будете развивать свои лидерские качества и способности.

11. Готовьтесь к экзаменам эффективнее. Преподаватель может вам задать дополнительные вопросы, поэтому читайте конспекты внимательно. Развивайте свои слабые стороны, читайте специальную литературу и изучайте немного больше того, что вы проходили на лекциях. Интересуйтесь дополнительной информацией, любопытными деталями и фактами.

12. Принимайте участие в различных проектах, конференциях. Пишите научную работу. Создавайте проекты и участвуйте на олимпиадах и чемпионатах за свой престиж и за повышения статуса своего университета. Тем самым вы пополните свои знания и приобретёте практический опыт. Знакомьтесь, общайтесь, посещайте выставки по профилю, в обязательном порядке проходите производственную практику. Всё это поможет вам овладеть будущей профессией и стать квалифицированным специалистом. Не забывайте о самообразовании.

13. Будьте открыты для критики со стороны преподавателя. Важнее для вас сейчас - знания, докажите, что вы можете справится с его предметом и после этого преподаватель начнёт вас уважать и ваш труд.

14. Поощряйте себя. Радуйтесь своим успехам и заслугам. Ходите на концерты и в кино с однокурсниками; можно устроить встречу с учёными или литературный вечер с поэтами в стенах университета. Как бы сложно не было учиться, помните: ваши возможности действительно безграничны.

P.S. Студенческие годы должны быть весёлыми. Каждый из вас может стать успешным студентом, хорошо учиться, получать высокие баллы, проводить время с пользой, но только если сами этого захотите. Не сравнивайте себя с другими успешными или безуспешными студентами и помните: всё что вы делаете, вы делаете это исключительно для себя: или на пользу, или во вред.

**Удачи!**

**Замира НУРУЛЛОЕВА,**
**старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков ТУТ**

# АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Таърихи ташаккули саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамроҳ гардидани Осиёи Миёна ба Россияи подшоҳӣ (1853-1860) ибтидо мегирад.

Замоне дар ҷаҳон, аз ҷумла Россия муносибатҳои сармоядорӣ инкишоф ёфта, шаклҳои нави моликиятдорӣ ба вуҷуд омаданд. Заводу фабрикаҳо сохта мешуданд, тоҷикон дар ҳудуди Аморати Бухоро зиндагӣ мекарданд, ки дар он низоми феодалӣ ҳукмрон буд.

Ба роҳ мондани равобити иқтисодии Россия бо Осиёи Миёна сабабҳои муайяни сиёсӣ-иқтисодии худро дошт. Академик Б.Ғафуров дар китоби "Тоҷикон" аз Н.А. Халфин иқтибос оварда, сабабҳои асосии ба Осиёи Миёна диққат додани Россияро асосан дар хусусиятҳои иқтисодӣ доштани он арзёбӣ намудааст.

Чунончи, дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза аввалин корхонаҳои саноатӣ бунёд мешуданд. Масалан, дар Хуҷанд ва Уротеппа корхонаҳои шароббарорӣ таъсис ёфтанд. Соли 1890 аллакай ду фоизи ин навъи маҳсулотро дар корхонаҳои уезди Хуҷанд истеҳсол мекарданд. Профессор Н. Хоналиев низ таърихи ташаккулёбии саноати Тоҷикистонро ба давраҳои аввали Ҳукумати Шӯравӣ мансуб медонад. Дар ин бора ӯ чунин қайд кардааст: "Аз давраи ташкилшавии Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии автономӣ то давраи ба даст овардани истиқлолият (1991) хусусиятҳои ташаккул, тараққиёт ва тағйирёбии сохтори соҳавии саноати мамлакат бо заминаҳои муайяни табиӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва нақши ҷумҳурӣ дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар собиқ Шӯравӣ алоқаманд буданд.

Марҳилаҳои саноатикунонии Тоҷикистон ба давраи собиқ ИҶШС рост меоянд, чунки узви баробарҳуқуқи он буд.

Саноатикунонии ИҶШС марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

– Солҳои 1926-1928 – се баробар афзун сохтани сармоягузорӣ ба соҳаи саноат, азнавтаҷҳизонӣ ва мусаллаҳсозии техникии фабрикаю заводҳо;

– Солҳои 1928-1932 – сохтмони иншоотҳои калони истеҳсолӣ, дар маҷмӯъ зиёда аз 1,5 ҳазор иншооти бузурги наклиётӣ ва саноатӣ бунёд гардид;

– Солҳои 1933-1937 – зиёда аз 4,5 ҳазор корхонаҳои саноатии давлатӣ, базаҳои металлургӣ ва нафтӣ, хатҳои нави роҳҳои оҳан ва соҳаҳои нави саноатӣ таъсис ва ба истифода дода шуданд.

Аз рӯи тадқиқотҳои профессор Н. Хоналиев дар Тоҷикистон солҳои 40-уми асри XX саноати хӯроквории рушд карда, то солҳои 1970 ҳиссаи ин соҳа дар сохтори умумии саноат 53,6-56,5 %-ро ташкил медод.

Соли 1991 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон ба 2308 адад мерасид.

Ҷанги шаҳрвандии солҳаи (1992-1997) ба фаъолияти саноатии Тоҷикистон таъсири бениҳоят манфӣ расонд. Аксар корхонаҳои саноатии мамлакат аз фаъолият бозмонданд. Соли 1997 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1990-ум 32,3% кам шуд.

Баъд аз ба даст овардани ваҳдати миллӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо аз солҳои 2000-ум ба бунёди саноати миллӣ ва барқарорсозии он шурӯъ намуд. Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ва амалигардонии чораҳои зарурӣ дар самти рушд ва инкишофи саноати миллӣ, сол аз сол нишондиҳандаҳои иқтисодии саноати Тоҷикистон беҳтар гардид. Солҳои 2010-2015 истеҳсолоти саноатӣ дараҷаи пешинаи худро барқарор намуд. Соли 2015 ин нишондиҳанда ба 114,8% нисбат ба соли 1990 афзун гардид.

Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳз дар давраи истиқлолият амалигардонии сиёсати саноатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки истеҳсолоти саноатӣ аз дараҷаи солҳои 90-уми асри гузашта хеле зиёд гардад, ки ин аз тарзи дуруст ба роҳ мондани сиёсати Ҳукумати мамлакат, таҳти сарварии Президенти маҳбуби кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳӣ медиҳад.

Боиси ифтихор аст, ки дар рушду нумуи мамлакат ва афзун гардидани дастовардҳои соҳаи саноати хӯроквории кишвар, хизматҳои олими барҷастаи соҳаи зикршуда Қурбонов Икром Иноятович калон аст.

Икром Иноятович, ки худ хатмкардаи факултети маҳсулоти туршшавандаи Донишкадаи технологияи хӯрокаи шаҳри Ленинград (1959) мебошад, тавассути заҳматҳои ҳамешагиаш бо якчанд ордену медал ва ифтихорномаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардидааст. Устод Икром Қурбонов дар вазифаҳои гуногуни соҳаи саноати хӯроквории, аз ҷумла заводи спиртбарории шаҳри Исфара (1959-1961), директори заводи оби чави шаҳри Душанбе (1961-1965), ҷонишини вазири саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон (1965-1975), вазири саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон (1975-1991), ҷонишини якуми раиси Кумитаи агросаноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-1994), сармушовири президенти Ҷамъияти саҳомии "Сомониён" (1994-1996) ва аз соли 1996 то 2018 ба ҳайси и.в. профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон софдилона кору фаъолият намудааст. Барои рушд ва тақвияти пойгоҳи моддию техникии озмоишгоҳҳои факултети муҳандисӣ-технологии донишгоҳ саҳми муассир гузоштааст.

Устод Қурбонов И.И. муаллифи мақолаҳои зиёди илмию оммавӣ, 7 лоиҳаи байналмилалӣ дар соҳаҳои саноати хӯроквории, эксперти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мавзуъҳои буҷавӣ, 4 китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ ва соҳиби 8 сертификати байналмилалии соҳавӣ мебошад. Ӯ зиёда аз 30 соли умри пурбаракати хешро дар кори роҳбарӣ ба рушди системаи саноати хӯроквории бахшидааст. Шогирдони устод, ки хеле зиёданд, имрӯз низ дар пешрафти соҳаи саноати хӯроквории ҳиссаи босазо гузошта истодаанд.

Мо-омӯзгорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз олими варзида ва шахси фозил- Қурбонов Икром Иноятович, ки ба синни муборакаи 90 -солагӣ расиданд, ифтихор мекунем. Ба устод тансиҳатию хонаободӣ ва дар фаъолияти илмиашон барору комёбиҳо орзу менамоем.

**Азимҷон ХУШМАТОВ,**
**мудири кафедраи технологияи истеҳсоли маводи хӯрокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, н.и.т., дотсент**

# МУОШИРАТИ ФАЪОЛИ ДОНИШҶӮЁН – ОМИЛИ АСОСИИ МУВАФФАҚИЯТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Яке аз масъалаҳои муҳимтарин, ки дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ саҳми намоён дорад, ин муоширати фаъоли донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Яъне ҳадаф аз ин гуфтаҳо чист?

Мақсад он аст, ки донишҷӯён бояд дар чараёни дарсҳои забони хориҷӣ бештар фаъол бошанд, гуфтугӯ кунанд, на ин ки омӯзгорон. Чунки ҳадафи асосӣ аз таълиму тадриси забони хориҷӣ ин забонро ба донишҷӯён ёд додан аст. Баъзан омӯзгор ба суҳбат дода шуда, фаромӯш мекунад, ки навбати суҳбати донишҷӯён фаро расидааст.

Масъалаи мазкур ҳам мушкил ва ҳам дорои як қатор нозукиҳо мебошад. Яке аз чунин мушкилот он аст, ки омӯзгорон вақте эҳсос мекунанд, ки донишҷӯ оҳиста ва бо мушкилӣ суҳбат мекунад, худ ба сухан ҳамроҳ гардида, идомаи фикрронии донишҷӯро ба дасти худ мегиранд, яъне аз сустии раванди суҳбати шогирд гӯё дилгир мешаванд ва меҳоҳанд бо кумаки худ равандро тезонанд. Лекин ин чиҳат хато ва бесамар ба ҳисоб меравад, зеро бо ин амал омӯзгор аз мушкилӣ гурез мекунад ва ёрие, ки ӯ дар ин лаҳза ба донишҷӯ мерасонад, ҳамон «ёрии хирсона» мебошаду бас. Дар чунин ҳолатҳо омӯзгор бояд таҳаммулпазир бошад, то ин ки донишҷӯ ҳамаи қобилияти худро истифода намояд.

Пеш аз он, ки омӯзгор суҳбати донишҷӯро идома доданӣ мешавад, беҳтар он аст, ки ӯро босаброна гӯш кунад ва аз донишҷӯи дигар хоҳиш намояд, ки суҳбатро идома диҳад ва нуқтаҳои ногуфтаи донишҷӯи аввалиро пурра созад. Маҳз бо ин усул донишҷӯёни зиёд водор мегарданд, ки ба суҳбат ҳамроҳ шаванд ва бо ин роҳ аксарияти онҳо нутқи шифоҳии худро такмил диҳанд. Тасаввур кунед, ки донишҷӯён матнеро нақл бояд кунанд. Бояд зикр намуд, ки ҳамеша маъноӣ мухтасари матнро нақл бояд кард, на ҳамаи онро ҷумла ба ҷумла, вагарна ин тарзи нақл «қориазёд» махсуб гашта, зуд метавонад аз хотири донишҷӯён фаромӯш шавад. Омӯзгор дар чунин лаҳза бояд пешакӣ огоҳ намояд, ки:

Now you should retell the brief content of the text. One of you sould begin, another one should continue and the third one should finish it. The other students should ask these three one's questions.

Яъне: Шумо ҳоло бояд маъноӣ мухтасари матнро нақл намоед. Як нафари шумо онро оғоз мекунад, дуввумӣ идома медиҳад ва севвумӣ онро хотима мебахшад. Дигар донишҷӯён бошанд, ба ин се нафар саволҳо медиҳанд.

Бубинед, ки бо чунин тарзи амал аксарияти донишҷӯён ба суҳбат аввал омодагӣ мегиранд, сипас ҳамроҳ мешаванд ва бо саволу ҷавоб ҳам нақли матнро пурра менамоянд ва ҳам ба ин васила нутқи даҳонии худро равнақ мебахшанд. Фақат омӯзгор бояд ботаҳаммул нақли онҳоро гӯш диҳад, дар охир баҳогузорӣ намояд ва сипас камбудиҳои онҳоро фаҳмонад ва ба хулосаҳои худро пешкаш гардонад. Хулоса, омӯзгор тарзе бояд рафтор намояд, ки донишҷӯёнро ҳарчӣ бештар ба суҳбат кардан водор созад.

Ин як мисол оиди кор бо матнҳо буд ва бояд хотирнишон созем, ки ҳангоми иҷрои машқҳои китоб низ омӯзгор ҳамеша чунин рафтор намуданаш лозим аст. Ҳангоми омӯхтани ҷумлаҳои саволӣ машқҳое ҳастанд, ки аз намудҳои гуногуни саволҳо мураттаб гаштаанд, яъне онҳо аз саволҳои умумӣ, интихобӣ ва махсус иборатанд. Зимни иҷрои чунин машқҳо низ омӯзгор бояд такяи бештар ба донишҷӯён намояд. Ӯ зимнан бояд чунин муроҷиат кунад:

Ask these questions to your partners. Or – Answer the questions of your partners.

Яъне: Ин саволҳоро ба рафиқонатон диҳед. Ё – Ба саволҳои рафиқонатон ҷавоб гардонед.

Агар нафаре аз донишҷӯён зимни чунин саволу ҷавоб ба хатоиҳо роҳ диҳад, омӯзгор ислоҳ намудани он хатоиҳоро низ бояд сараввал аз худи донишҷӯён талаб намояд. Дар сурате, ки баъзеи он саволу ҷавобҳо дуруст иҷро карда натавонанд, пас худи омӯзгор вориди раванд гашта, метавонад бо шарҳу эзоҳ ба онҳо фаҳмонад ва ин амали ӯ боис мегардад, ки донишҷӯён хатоиҳоро фаҳманд ва аз паи ислоҳи онҳо кӯшиш намоянд. Хуб мешавад, ки дар чунин лаҳза омӯзгор он нуктаи грамматикие, ки маҳз дар он хатоиҳо ҷой доштанд, бори дигар хубу муфассал фаҳмонад ва аз ҳамагон хоҳиш намояд, ки дар атрофи ҳамон воҳиди грамматикӣ саволу ҷумлаҳо тартиб диҳанд, то хатоиҳои худро ба пуррагӣ дарк созанд.

Аз гуфтаҳои болоӣ бори дигар ба таври равшан метавон дарк намуд, ки омӯзиши забони хориҷӣ ин амалия аст, на назария. Бинобар амалия махсуб гаштанаш бояд дарс зиёдтар ҷанбаи амалӣ касб намояд, на назарӣ.

с. 8

# МУОШИРАТИ ФАЪОЛИ ДОНИШҶӮЁН – ОМИЛИ АСОСИИ МУВАФФАҚИЯТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1)**

Пас мебояд дар рафти дарс муоширати зиндаву амалӣ, хубу муассир ҳукмфармо бошад ва пеш аз ҳама фаъоливу дилгармии донишҷӯён ба дарс эҳсос гардад. Чунки ҳадафи асосӣ омӯзондани донишҷӯ, яъне забондон кардани он мебошад. Ду омили асосӣ ва муҳимтарини дарс, чи тавре ки дар аввали мақола изҳор доштем, омӯзгор ва донишҷӯ мебошанд ва муносибати нозукона ва воқеии онҳо боиси ба даст овардани муваффақиятҳои дилхоҳ дар ин амри хеле муҳим гашта метавонад. Барои самарабахш гаштани дарси амалӣ якчанд супоришҳои амалиро низ пешниҳод менамоем.

**СУПОРИШҲО:**

Эзоҳ: Дар баъзе ҳолатҳо супоришҳо ва иҷроиши машқҳо бо дархосту роҳнамоии омӯзгор аз ҷониби донишҷӯён сурат гирифта метавонад. Дар ҳолатҳои дигар бошад, иҷрои супоришҳо ба худи омӯзгорон вогузор мегардад.

**СУПОРИШИ 1.**

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Муносибати шумо бо донишҷӯён чӣ гуна аст?
2. Гурӯҳи дарсӣ аз чанд нафар бояд иборат бошад?
3. Муносибати инфиродӣ (алоҳида) бо ҳар як донишҷӯ зарур аст ё не?
4. Ҷиҳатҳои психологии донишҷӯёнро дар раванди таълим бояд ба инобат гирифт ё не?
5. Бо донишҷӯи сустхон чӣ тавр амал менамоед?
6. Дар вақти дарс бисёртар бо қоидаҳои грамматикӣ бояд сарукор дошт ё бо усулҳои амалӣ?
7. Бо матнҳо чӣ гуна бояд кор кард?
8. Муколамаҳо дар рафти дарс заруранд ё не?
9. Барои равнақ додани нутқи даҳонии донишҷӯён кадом омилҳо заруранд?
10. Чӣ иртиботе миёни омӯзгор ва донишҷӯ дар раванди таълим бояд ҳукмфармо бошад?

**СУПОРИШИ 2.**

Дар зер якчанд ҷумлаҳои дархостӣ, ки дар рафти дарсҳо ба донишҷӯён пешкаш шуданашон мумкин аст, оварда мешаванд. Онҳоро идома диҳед.

1. Stand up, please.
2. Come to the blackboard.
3. Write these sentences on the blackboard.
4. Go to your desk.
5. Read the new words....

**СУПОРИШИ 3.**

Чунин муколама миёни донишҷӯён сурат гирифтанаш мумкин аст. Мисли он як муколамаи дигар тартиб диҳед.

– What time do you get up in the morning?

– I get up at six o’clock.

– What do you do first of all?

– I do my bed and wash myself.

– What time do you go to the university?

– I go to the university at seven o’clock.

– What time do your lessons start?

– They start at eight o’clock.

– How many lessons do you have every day?

– We have five or six lessons every day.

**СУПОРИШИ 4.**

Дар зер чандин ҷумлаҳо оварда мешаванд, ки донишҷӯро ба омӯхтани забони англисӣ водор месозанд. Онҳоро идома диҳед.

1. English is an international language
2. It can help you much in your life.
3. You should pay attention to its learning.
4. You must learn it well.
5. Knowing other foreign languages is also important. ...

**СУПОРИШИ 5.**

Дар зер оғози матне, ки ба омӯзиши забони англисӣ марбут аст, пешниҳод мегардад. Анҷоми онро мураттаб созед.

I have been interested in learning foreign languages since my childhood. First I began to learn German, but that didn’t attract me much. Because I felt many difficulties during learning it. Then I began to learn English. Now I can say that everything is OK with my learning. I just love the English language.

Дар раванди таълиму тадрис нақши китобҳои дарсиро наметавон сарфи назар намуд. Зеро китоби дарсӣ раҳнамои ҳар як омӯзгор ва раҳкушои ҳар як донишҷӯ маҳсуб мегардад. Ба хусус китобҳое, ки мувофиқи барномаҳои муосири таълим таҳия мегарданд, дар ҳар як давру замон дар амри саводомӯзии хонандагон нақши муассире доштаанд ва хоҳанд дошт. Метавон гуфт, ки китобҳои бад ва номувофиқ вуҷуд надоранд, лекин истифодаи мутобиқи китобҳои дарсиро на ҳама омӯзгорон якхела ба роҳ монда метавонанд. Гоҳо аз ҷониби омӯзгорони алоҳида аз ин ё он китоби дарсӣ норозигӣ низ баён мегардад. Гӯё ба ақидаи он омӯзгорон он китобҳо чандон хуб иншо нагаштаанд ва дархури замон нестанд.

Лекин набояд фаромӯш кард, ки ба ҷуз талаботи китоби дарсӣ боз маҳорату малакаи хоси омӯзгор низ дар раванди таълим нақши босазо дошта метавонад. Омӯзгороне дучор меоянд, ки берун аз машқу супоришҳои китоби дарсӣ амалеро мустақилона иҷро намуда ё супоришеро берун аз китоби дарсӣ ба донишҷӯ пешкаш намуда наметавонанд. Ин ҳолат ифодагари он мебошад, ки мустақилият аз ҷониби онҳо зоҳир намегардад. Мутаассифона, миқдори чунин омӯзгорон кам нест ва ин ҳолат боиси чандон муассир нагаштани раванди таълим мешавад.

Муносибати дурусти омӯзгор бо китоби дарсӣ дар рафти дарсҳои забони англисӣ хеле муҳим мебошад. Китобро чун манбаи пешбурди таълиму тадрис метавон ҳисоб намуд, лекин дар баробари истифодаи маводи китоби дарсӣ боз аз ҷониби омӯзгор маҳорати баланд ва малакаи хуб нишон додан ҳатмист. Омӯзгор вақте дарк менамояд, ки маводи дар китоб ҷойдошта ҷанбаи якхела дорад, бояд каме ба тағйиркорӣ даст занад. Зеро пайиҳам омадани усулҳои якхелаи таълим хонандагонро метавонад дилгир созад. Масалан, шумо бо китоби дарсие таълим медиҳед, ки бо вуҷуди мавзуъҳои гуногуни грамматикиро фаро гирифтанаш, сохтори якхелаи супоришҳоро пешкаш менамояд. Масалан, дар он китоб пас аз шарҳу эзоҳи мавзуи грамматикӣ ҳамеша ҷумлаҳои хабарӣ, инкорӣ ва саволӣ пайиҳам меоянд. Машқҳои ҳар дарси он низ ба якдигар монанданд. Ин ҳолат боис гашта метавонад, ки раванди таълими забон барои донишҷӯён дилгиркунанда гардад.

Дар ҳолатҳои дар боло зикршуда аз ҷониби омӯзгор бояд мустақилияти хоса нишон дода шавад ва ӯ бояд, ки раванди дарсро каму беш худ дигар карда тавонад. Тасаввур кунед, ки шумо мавзуи Present simple tense – Замони ҳозираи одиро аз китоби дарсӣ гузаштед ва баъди шарҳу эзоҳи он се – чор машқ омадааст ва онҳоро донишҷӯён ҳам бо ёрии шумо ва ҳам ба таври мустақилона иҷро менамоянд. Ин ҳолат хуб аст, лекин боис гашта наметавонад, ки донишҷӯён оид ба мавзуи мазкур дониши мустаҳкам касб карда тавонанд. Бинобар ин, дар ин ҳолат омӯзгор бояд донишҷӯёнро водор созад, ки пас аз иҷрои ҳар як машқи китоб мувофиқи талаботи он машқҳо боз ҷумлаҳои худро созанд. Аз ҷумла метавонед чунин супориш диҳед:

Make up your own sentences, please. – Ҷумлаҳои худро марҳамат карда тартиб диҳед; Make the sentences of the first exercises negative. – Ҷумлаҳои машқи якумро ба шакли инкорӣ гардонед. Make questions to these sentences. – Ба ҷумлаҳои зерин савол гузоред.

Чӣ тавре ки мушоҳида намудед, китоб ин як унсури раҳнамост, лекин чӣ гуна бо он муносибат намудан ин кори омӯзгор низ мебошад. Муассир гардондани ҳар як машқи китоб аз маҳорати омӯзгор вобастагии бештар дорад. Омӯзгор ҳатто метавонад нақшаи аз рӯи китоби дарсӣ мураттабшударо иҷро накунад, лекин тавонад, ки раванди дарсро ба хонандагон фаҳмову шавқовар гардонад. Зеро омӯзгори боидрок ба таълими хуб майл мекунад. Шумо агар нияти беҳтар кардани таълими худро накунед ва дониши назариявию амалии хубро доро набошед, ягон китоб дар ин амр ба шумо ёрӣ карда наметавонад.

Дар баробари ин, ягона чизи муҳим ин дар хотир доштан аст, ҳарчанд забон объекти истилоҳотӣ нест барои он чизе, ки дар синф ба амал меояд.

**Ниёзбадал МАЛИКОВ,**
**омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷии ДТТ**

# ШАКАРХАНД

Дар қабулгоҳи беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ:

-Меxоҳед дар муасссисаи мо кор кунед?

-Бале.

-Ихтиёрӣ?

-Албатта.

-Шавҳаратон зид намебарояд?

-Ман ҳоло шавҳар надорам.

-Фаҳмо, менависем, ки шавҳари шумо ҳанӯз муҷаррад аст.

***

Мардеро ҳангоми аз бонк дуздӣ карданаш дастгир карда, мепурсанд:

-Чаро даст ба дуздӣ задӣ?

Мард мегӯяд:

-Аз наздикии бонк мегузаштам, ки назарам ба навиштаҷоти «Имкониятро аз даст надеҳ» афтод.

***

Марде зани фарбеҳеро ба оғӯш гирифта, мепурсад:

- Насибахон, вазни шумо чӣ қадар аст?

Зан бо ноз:

- Ин махфӣ аст...

Мард мегӯяд:

- Ақаллан се рақами аввалашро гап занед...

***

Писарбачае аз фанни забони русӣ баҳои 2 мегираду ба хона омада, гиря мекунад. Падараш мепурсад:

- Чаро гиря дорӣ?

Писарбача мегӯяд:

-Аз фанни забони русӣ баҳои 2 гирифтам. Муаллим пурсид, ки гург ба забони русӣ чӣ мешавад, надонистам.

Падараш мегӯяд:

-Наход ҳамин саволи одиро надонӣ!? Гург ба забони русӣ «Ну погоди» мешавад.

***

Зане дар дохили автобус ба кӯдакаш самбӯса медиҳад, вале тифлак хӯрданашро рад мекунад. Зан ба донишҷӯе, ки ҳамроҳаш дар автобус буд, ишора карда мегӯяд:

- Агар нахӯрӣ, самбӯсаро ба ана ҳамон акаат медиҳам.

Кӯдак бошад, ҳамоно аз хӯрдани самбӯса саркашӣ мекунад.

Тоқати донишҷӯ тоқ мешаваду ба зан рӯ меорад:

- Апа, ҳамон самбӯсаро доданӣ бошед, зудтар диҳед. Ба умеди шумо аз донишгоҳ ду истгоҳ гузаштам.

***

Зан дар дорухона аз фурӯшанда мепурсад:

-Барои шавҳарам валидол гирам ё валерианка?

Фурӯшанда мегӯяд:

-Диагнозаш чӣ аст?

Зан:

-Куртаи 1000-сомона.

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:

Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха